# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)» барон дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ). - Душанбе, 2025.-184 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи унвонҷӯ аз рӯйи муҳтаво, моҳият ва мазмуну мундариҷааш ба шиносномаи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) пурра мувофиқат мекунад. Боиси зикр аст, ки таҳқиқоти мазкур бо талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани дараҷаҳо ва унвонҳои илмӣ пешбинӣ шудаанд ва бо Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд, пурра мутобиқат дорад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар айни замон яке аз ҷузъиётҳои асосии соҳаи фарҳанг ин масъалаҳои омӯзиш ва хулосабарориҳои масоили таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои тоҷик мебошад. Он аз нигоҳи пешрафти таърихии ҷомеа мубрам буда, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии хоса дорад. Дар соҳаи таърих ва таъихнигории ватанӣ баррасии масоили таҳқиқи ҳолати рушди санъати театрӣ, мусиқӣ, синамо, яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири тоҷик мебошад.

Аз ин хотир диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқи ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)» саривактӣ буда, аз аҳаммияти илмӣ ва тарбиявӣ орӣ нест.

Мавзуи пешниҳодшуда дорои мақоми илмиву ҷамъиятӣ мебошад, зеро замони истиқлол барои ташаккулёбии соҳаи фарҳанг шароити наву мусоидро фароҳам овард. Дар замони таҳқиқшуда соҳаҳои санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамо равандҳои мураккаби таҳаввулу тағйиротро

паси сар намуд. Ба мисоли навгониҳои анъанавӣ, таҳсисёбии муассисаҳои нави фарҳангӣ, таъсири рававнди ҷаҳонишавӣ, рушди технология соҳаи фарҳангро дар мамлакт ба роҳи нави рушд ворид сохтанд. Бинобар ин омӯзиш, таҳлил ва арзёбии ин равандҳо на танҳо барои омӯзиши фарҳанги муосир балки барои дарк кардани механизмҳои созандагӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, идеологӣ дар замони рушди давлатдории муосири миллӣ хеле муҳим аст.

Аз назари илмӣ низ мавзуи таҳқиқшуда мубрам аст, зеро мавҷуд набудани таҳлили коплексӣ дар замони истиқлол роҷеъ ба ин соҳаи калидии ҳаёти ҷомеа як фазои холиро мемонад. Аксари пажуҳишҳо, ки то кунун анҷом ёфтаанд, ба давраи пеш ё самти дигар бахшида шудаанд. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои пажуҳишгарони соҳа заминаи хуби методологӣ, фактологӣ ва барномаҳои минбаъдаи тадқиқотиро фароҳам оварад.

Аз ҷиҳати амалӣ ва иҷтимоӣ, натиҷаҳои таҳқиқ пайгирӣ ва ҳалли чанд масъалаи муҳимро фаромаҳ меоранд: ҳифзи мероси санъатии давраи истиқлолият, тавсифи таҷрибаҳои муваффақи созандагӣ ва тарғибот, муайянкунии омилҳои мушкилоти рушд (молия, қадр, инфрасохтор, маориф) ва пешниҳод намудани тавсияҳо барои сиёсати фарҳангӣ ва барномаҳои таълимӣ. Ҳамзамон, таҳқиқ метавонад ба таҳияи курсҳои таърих ва назариявӣ дар донишгоҳҳо, ба нашри антологияҳо ва ба баланд бардоштани худогоҳии фарҳангии ҷомеъа хизмат намояд.

Аз ин хотир, мавзуи таҳқиқотии интихобшуда «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)» мубрам буда, омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасткуниҳо барои омӯзиши нозукиҳои таърихии рушди минбаъдаи соҳаи фарҳанг мусоидат хоҳанд кард.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмӣ ва назариявии таҳқиқот дар

муайянкунии хусусиятҳо ва шаклҳои рушди санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият зоҳир мегардад.

**Навоварии рисолаи илмиро чунин омилҳо ташкил медиҳанд:** Раванди дигаргуниҳо дар соҳаи фарҳанг мавриди омӯзиш қарор дода шудааст; мушкилот ва норасоиҳо дар рафти амалисозии ислоҳоти бавуҷуд омада нишон дода шудаанд; дурнамо ва пешомади рушди санъати театрӣ муайян карда шудаанд; рушди санъати кино ва мусиқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу ташхис қарор дода шудаанд.

Нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, муҳтавои асосиро ифода менамоянд, ки диссертант тавонистааст мавзуро ба риштаи таҳқиқ кашида, вижагиҳои иқтисодӣ, иҷтимоии санъати саҳнавиро дар замони истиқлолият мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад:

- ба рушду пешравии фарҳанги миллии тоҷик Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамояд;
- дар соҳаи фарҳанг аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо ба инобат гирифтани анъанаҳои миллӣ, урфу одатҳои халқӣ, таҷрибаи бойи пешгузаштагон ва дастовардҳои муосир чорабиниҳои ҷиддӣ ва ислоҳоти мухталиф гузаронида шудаанд;
- яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои фарҳангӣ дар байни кишварҳои ҷаҳон маҳсуб меёбад;
- инкишофи жанри таърихӣ дар санъати театрӣ, санъати мусиқӣ, синамо барои ташаккули худшиносии таърихии миллат ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ мусоидат мекунад;
- таҳлили ҳолат мушкилот ва пешомадҳои инкишофи санъати синамои тоҷик дар замони муосир барои рушди минбаъдаи он мусоидат мекунад;

- мушкилоти театри тоҷик ва санъати саҳнавӣ дар ин давра, ки бо чорабиниҳои ҳукумат доир ба барқароркунӣ ва мустаҳкамкунии ин соҳаҳо бартараф карда мешаванд;

- чорабиниҳои аз ҷониби давлат дар соҳаи фарҳанг андешидашуда барои инкишофи соҳа ва баланд бардоштани тафаккури созандагӣ, ҳисси меҳанпарастӣ ва ҳамдигарфаҳмии ҳамаи табақаҳои аҳолӣ мусоидат карданд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсиҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба дақиқии мааълумот, кофӣ будани маводи омӯзишӣ, коркарди саҳеҳи натиҷаҳо, ҳаҷми нашриёти муаллиф асос ёфтааст. Хулоса ва тавсияҳои овардашуда низ пояи таҳлили илмӣ-назариявӣ ва таҷрибавӣ дошта, бо натиҷаҳои ба дастомада мутобиқ карда шудаанд.

Умуман, сатҳи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз сифат ва дақиқияти маълумот, мувофиқ буудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо, микдори нашрияҳои муаллиф ва интихоби дурусти усулҳои вобастагӣ дорад. Хулоса диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич фарогири муҳимтарин дастовардҳои илмии муаллиф буда, натиҷаи таҳлили амиқи сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳқиқоти назариявӣ мебошанд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки мавод, натиҷаҳо ва пешниҳои овардашуда ба ҷорӣ намудани усулҳои наву муассир дар рушди соҳаи фарҳанг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир мусоидат намоянд. Ин таҳқиқот дар муҳити илмии кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифта, метавонад барои муҳаққиқон ва шахсоне, ки дар ин самт корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом медиҳанд, ҳамчун манбаи боэътимод ва маводи муфид хизмат намояд. Илова бар ин, маводи пешниҳодгардидаи диссертатсияро метавон дар раванди таҳияи барномаҳо, омодасозии китобҳои дарсӣ оид ба таърихи фарҳанги Тоҷикистон, инчунин дар таҳияи воситаҳои таълимӣ аз фанҳои таърихи

халқи тоҷик, этика, эстетика, фарҳангшиносӣ ва дигар самтҳои марбут ба таври васеъ истифода бурд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Якубшоев Афруз Хубоншоевич мақсад ва вазифаҳои тадқиқотро муайян гардидааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (225 номгӯй) иборат аст. Диссертатсия аз 184 саҳифаи матни компютерӣ иборат буда, дорои 1 ҷадвал мебошад.

**Таҳлили қисми муқаддамотӣ** аҳаммияту дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳову навгониҳо, муҳимтарин нуктаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, ба таври фишурда шарҳ ёфтаанд. Ҳамчунин, методикаи таҳқиқ тавсиф шуда, арзиши назариву амалии кор бо далелҳо собит ва дараҷаи таҳқиқи масъала муайян гардидааст.

Боби аввали диссертатсия «**Мақоми санъати театри тоҷик дар ҷомеаи муосир**» унвон дошта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввали боби якум, ки «**Нақши театрҳо дар инкишофи фарҳанги халқи тоҷик**» номида шудааст, пажуҳишгар доир ба вазъи умумии театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият, мушкилот ва норасоиҳои соҳа, фаъолияти театрҳо маълумоти муфассал гирдоварӣ намудааст.

Дар ин бахш пажуҳишгар қайд мекунад, ки соҳаи фарҳанг ва санъати саҳнавӣ барои рушди ҳаёти маънавии ҷомеа, ташаккули низоми арзишҳо ва ахлоқи миллӣ моҳияти махсус дорад. Бо ҳамин мақсад давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт сиёсати мушаххас баҳри пешбурд ва фароҳам овардани фазои мусоиди инкишофи соҳа тарҳрезӣ ва пиёда намудааст. Вазъи театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи истиқлолият бо фаъолияти пурсамар ва эҷодиёти пурғановат дар саҳифаҳои таърих таҳлил шудааст. Нақши санъати саҳнавӣ дар таҳкими

худшиносии миллӣ, эҳтиром ба таърихи ниёгон ва афзудани эътибори кишварамон дар арсаи ҷаҳон ниҳоят бузург аст.

Дар зербоби дуюми боби аввал «**Саҳми фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар рушди театри касбии тоҷик»** масъалаҳои ташкил ва баргузории фестивал-озмунҳои мухталиф дар ҷодаи санъати саҳнавӣ чи дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва чи дар сатҳи байналмилалӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар таърихи рушду нумӯи соҳаи фарҳанг ва санъати театрӣ баҳри баланд бардоштани маънавиёти мардуми ҷумҳурии тозаистиқлоламон баргузории фестивал-озмунҳои «Парасту» ва фестивал-озмунҳои байналмилалии «Чодари хаёл», «Наврӯз», ART – ORDO, «Санъат барои сулҳ», фестивал-озмуни театрҳои касбии «Театр оплот мира» дар умум саҳми назаррас доранд.

Дар боби дуюми диссертатсия зери унвони **«Рушди хусусиятҳои хоси миллии санъати мусиқии тоҷик дар солҳои истиқлол»** ҳаёти мусиқии кишвар, мушкилиҳо, камбудиҳо ва пешравиҳои соҳа дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор дода шудааст.

Зербоби якуми боби дуюм – **«Эҳёи мусиқии миллӣ ва рушди соҳа дар даврони истиқлолият»** доир ба эҳё, рушд ва такомули афкори мусиқии халқи тоҷик маълумоти умумӣ пешниҳод карда шудааст.

Диссертант қайд мекунад, ки ҳаёти мусиқии ҷумҳурӣ баъд аз ба эътидол омадани вазъи сиёсии кишвар беш аз пеш беҳтару ҷолибтар шудааст. Муассисаҳои мусиқии касбӣ мушкилоти зиёди моддӣ-техникиро аз сар гузарониданд, аммо фаъолият дар ин самт қатъ нагардид.

Бо қабул гардидани як қатор фармонҳои Президенти мамлакат ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти мусиқӣ тағйиротҳои назаррас ба вуҷуд омадаанд. Ба хотири эҳёву рушди санъати анъанавии миллӣ, аз ҷумла «Шашмақом» ва «Фалак» давлату ҳукумат ва махсусан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон мухтарам, Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунанд. Дар ин замина қарорҳо ва супоришҳои дахлдор қабул гардидаанд, ки раванди иҷрои онҳо зери назорати қатъӣ қарор дорад.

Дар зербоби дуюм боби дуюм **«Омилҳои пешрафти мусиқии халқи тоҷик»** муҳаққиқ омилҳои рушди мусиқии касбиро дар солҳои 90-ум – то 2016 мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Дар рисола омадааст, ки дар солҳои 90 – уми асри XX мусиқии касбии тоҷик чун дигар соҳаҳои фарҳанг як давраи мушкилеро аз сар гузаронида, омилҳои рушди он аз солҳои 2000 – ум бо маром ба чашм мерасиданд. Ба ин нигоҳ накарда дар ҷумҳурӣ оҳангсозон бештар дар жанри консерт эҷодиёти худро меофариданд. Ин оҳангҳо барои созҳои миллӣ навишта шуда буданд.

Муҳаққиқ дар зербобҳо паҳлӯҳои санъати мусиқиро таҳлил намудааст, ки ар ин росто ходимон, кормандони фарҳанг оҳангсозон ва санъаткорони тоҷик корҳои зиёди эҷодиро ба сомон расонида, санъати волои мусиқии тоҷикро дар сатҳи байналмилалӣ бо сифати нав ва сатҳи баланд муаррифӣ намудаанд.

Дар боби сеюми рисола «**Дигаргуниҳо ва назари нав дар синамои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият**» масъалаҳои тамоюли нав дар санъати синамо ва ҳамкориҳои хориҷии синамогарони тоҷик мавриди тадқиқ ва омӯзиш қарор дода шудаанд.

Зербоби аввали боби сеюм «**Вазъи умумии санъати синамои Тоҷикистони соҳибистиқлол дар солҳои 1991-2016»** вазъи умумии санъати синамои тоҷик дар давраи истиқлолият ҳамаҷониба пажуҳиш карда шудааст. Вале баъди ташаккул ёфтани давлатҳои нави соҳибистиқлол вазъи кори соҳа ба тамом тағйир ёфта буд. Доир ба муносибат ва мавқеи ин ё он асару сюжаи пешниҳодшуда ба синамои кишварҳои мустақил баҳсҳо ба миён омаданд.

Зербоби дуюми боби сеюм «**Ҳамкориҳои синамогарони тоҷик бо кишварҳои хориҷӣ»** ҷузъиёти ҳамкории эҷодию филмофарии

синамогарони тоҷикро бо ҳамкасбони хориҷӣ фаро мегирад. Тибқи маълумотҳо ва сарчашмаҳо ин ҳамкориҳо бештар дар доираи фестивалҳои байналмилалии синамо сурат мегирифтанд. Ҳамкории синамогарони тоҷик бештар дар рӯзҳои гузаронидани фестивалҳои байналмилалӣ сурат мегирад. Дар вақти баргузории ин синамобазм ҳамасола аз 15-20 кишвари дунё 30-40 синамогарон ба Тоҷикистон ташриф меоранд. Моҳи августи соли 1991 дар шаҳри Душанбе нахустин кинофестивали байналмилалӣ зери унвони «Ҳамсояҳо» доир гардид. Аз мулоҳизаҳо, далелҳо ва рақаму оморҳои дар боло зикршуда бармеояд, ки синамогарони тоҷик дар ин самт дар марҳилаи нави рушди синамо корҳои зиёде ба сомон расонидаанд. Ҳамчунин, чорабиниҳои зарурии ташкилӣ-ташвиқии синамо дар кишвар ба роҳ монда шудаанд. Бояд тазаккур дод, ки мутахассисони соҳа дар филмофарӣ бештар ба асарҳои миллӣ, таърихӣ ва тамоюлҳои фарҳангии халқамон таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд ва дар ин самт бисёр корҳои ҷолиб баҳри ташвиқи арзишҳои асосии миллӣ ба анҷом расонида шуда истодаанд.

**Хулосаи диссертатсияи** Яқубшоев Афруз Хубоншоевич. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки санъати саҳнавии тоҷик комилан ба марҳилаи нави рушди худ қадам гузоштааст. Санъати синамо, театр ва мусиқии тоҷик тамоми неруи зеҳнии худро баҳри пешбурди соҳа сарф намуда, навгониҳои техникию технологии банаворгирӣ ва истеҳсоли филмҳои навро ҷорӣ намуда истодаанд. Аммо хулоса ва натиҷаи пажуҳиш таърихи санъати саҳнавиро фарогир буда, номгуйи зарурии адабиёти илмиро истифода намудааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз руйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну муҳтаво ва нуктаҳои асосии диссертатсияро дар 13 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгуй 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Маводи

батабърасида муҳимтарин паҳлуҳо ва мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии диссертантро собит менамояд.

**Мутобикати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Якубшоев Афруз Хубоншоевич ба талабот оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати дисертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгу мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ҳамчун муқарризи расмӣ якчанд эродҳои худро дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлили рисолаи диссертатсионӣ ба миён омадаанд баён менамоям:

1. хуб мешуд, ки муаллиф оиди робитаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти дақиқтар пешниҳод мекард;
2. масъалаи таъсири фазои рақамӣ ва технологияи компютерӣ ба соҳаи санъати мусиқӣ, синамо, театр боз хам муфассалтар нишон додан лозим буд;
3. дар бахши мусиқӣ баъзе ҷанбаҳои назариявии таҳлил такмил мехоҳанд.

Аммо дар маҷмуъ эродҳои зикргардида хусусият ва мазмуни умумии корро халалдор намесозанд ва асосан ҷанбаи тавсиявӣ доранд. Дарояндаи фаъолияти илмии муаллифислоҳи онҳо ҳангоми таҳия ва нашри монография имконпазир аст.

Автореферат ва мақолахое, ки диссертант доир ба мавзуи мавриди пажуҳиш ба табъ расонидааст, мазмуну мухтавои асосии диссертатсияро пурра фаро гирифтааст. Кори диссертатсионии мазкур ба доираи мавзуъ ва масъалахои тахкикии шиносномаи ихтисоси илмии 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои тахкик ва нашри таълифоти илмии кори диссертатсионӣ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ва ҷавобгу мебошанд.

Хулоса, сохтор ва мазмуни диссертатсияи Якубшоев Афруз Хубоншоевич «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)»-ро, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) пешниход гардидааст, кори анҷомёфта донистан мумкин аст, ки дар сатҳи илмӣ ба анҷом расидааст. Рисола ба талаботи бандхои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои таърих,**
**муаллими калони кафедраи**
**фанҳои ҷомеашиносии ДДТТ**
**ба номи Абуалӣ ибни Сино** **Амроев Умеджон Мамадхонович**

**Суроға**:734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Сино, кучаи Сино 29-31. **E-mail:** umed-08@mail.ru. **Телефон:** (+992) 785 16 10 10.